**Тақриз**

**ба автореферати кори диссертатсионии Қурбонов Ёрмаҳмад Султоналиевич дар мавзуи "Такмили идоракунии рушди соҳибкории хурду миёна дар маҷмааи меҳмонхонаҳо (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмеит)**

Барои рушди босуботи фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва таъмини ҷойҳои нави корӣ имрӯзҳо ҳам давлат ва ҳам ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Идоракунии рушди соҳибкории хурду миёна ба иқтисоди кишвар дар шароити тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт яке аз масъалаҳои калидӣ ва ҳалкунандаи соҳаҳои дахлдори иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар тамоми равандҳои иқтисодиёт ва ҷаҳони муосир рушди соҳибкории хурду миёна яке аз мафҳумҳои асосии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб рафта барои ҳалли масъалаҳои асосии иқтисодӣ накши муҳим мебозад.

Имрӯзҳо дар кишвари мо солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шудааст ва Ҳукумати мамлакат баҳри рушди хизматрасонӣ дар соҳаи сайёҳӣ чораҳои зарурӣ андешида истодааст. Бинобар ин сохибкории хурду миёна дар кишвар махсусан дар соҳаи сайёҳӣ ҳамчун асоси пешрафти соҳаҳои иқтисодиёт тавсиф меёбад. Дар соҳаи сайёҳии муосир макоми махсусро саноати меҳмон-навозӣ ишғол мекунад.

Барои бисёр кишварҳои ҷаҳон сайёҳӣ ҳамчун манбаи даромади буҷети давлат қарор гирифтааст. Дар асоси ин бо боварӣ метавон гуфт, ки бозори хизматрасонии мехмонхонавӣ барои сармоягузорӣ ояндаи хуб дорад. Ташкил кардани воситаҳои нави ҷойгиркунии одамон барои баланд бардоштани сатҳи ҷолибияти соҳаи сайёҳӣ, баланд бардоштани нишондиҳандаҳои фаъолияти сайёҳӣ дар минтақаҳои мушаххас мусоидат мекунад.

Дар воқеъ вобаста ба гуфтаҳои боло кайд намудан ба марвид аст, ки диссертатсияи илмии Қурбонов Ё.С. ба яке аз мавзӯҳои мубрами рӯз бахшида шуда дар замони муосир бениҳоят муҳим ва саривақтӣ ҳисобида мешавад.

Сохтори кори диссертатсионӣ аз рӯи автореферат мантиқан дуруст буда ҳаммаи масъалаҳои гузошташуда ба таври бояду шояд ҳаллу фасл карда шудааст.

Мувофиқи маводҳои автореферат қайд намудан ба маврид аст, ки муаллиф ба як кори хуб ва илмӣ амалӣ даст задааст ва аз ӯҳдаи кор низ баромадааст. У такмили идоракунии рушди соҳибкории хурду миёнаро дар маҷмааи меҳмонхонаҳо дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда ба як хулосаи дуруст омадааст.

Маводҳои автореферат гувоҳи онанд, ки кори диссертатсионӣ дар сатҳи баланди илмӣ амалӣ анҷом дода шудааст ва муаллифи он ба максадҳои ниҳоии худ расидааст.

Бо назардошти тарафҳои мусбие дар диссертатсияи илмӣ ва афтореферат нишон дода шудааст, кори диссертатсионии мазкур аз камбудиҳо низ холӣ нест.

Ба назари ман чунин камбудиҳоро номбар намудан мумкин аст:

1. Барои боз ҳам сифатнок шудани кори диссертатсионӣ ва афтореферат хуб мешуд тахлилҳо пурратар карда мешуданд.
2. Дар кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ ва таркибӣ ба чашм мерасанд.

Новобаста аз камбудиҳои ҷойдошта қайд намудан зарур аст, ки диссертатсияи илмии Қурбонов Ё.С ба яке аз мавзӯҳои мубрами рӯз бахшида шудааст ва кори ба итмомрасида ба ҳисоб меравад ва ин камбудиҳо арзиши илмӣ амалии корро коста накардааст.

Дар умум қайд карда мешавад, ки аз рӯи натиҷаҳои автореферат, диссертатсияи илмӣ ба тамоми талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба соҳаи иқтисодиёт ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Қурбонов Ё.С. барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) сазовор мебошад.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор муовини ректор**
**оид ба корҳои илм ва инноватсияи ДДҲБСТ** Ризоқулов Т.Р.

**Имзои Т.Р. Ризоқулов-ро тасдиқ менамоям**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Саидов П.А.**

Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 17 мкр-н. бинои 1.
Тел: (+992) 83422 23811
Веб-сомона: www.tsulbp.tj
E –mail: tsulbp@rambler.ru